ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Султонзода Исмоил Сафарали дар мавзуи «Фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун шарти ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, пешниҳод шудааст

Пешрафти босуръати илму техника, иттилоотонии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаву инсон аз хусусиятҳои хоси замони муосир маҳсуб меёбад. Насли наврасро мебояд ба тамоми ин дигаргуниҳои рӯзафзун саривақтӣ мутобиқ гардида, ба таври мувофиқ таваҷҷуҳ намоянд. Инро бошад, бе тарбия ва рушди ҷисмониву равонӣ ва маънавӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Мо, беҳуда тарбия ва рушди ҷисмониро дар ҷои аввал нагузоштем. Табиист, ки танҳо ҷисми солиму обутобёфта қодир аст ба шароитҳои тағйирёбанда ба зудӣ мутобиқ гардад. Дар баробари ин, мувофиқи ҳикмати гузаштагон “рӯҳи солим дар ҷисми солим аст”. Аз ин нуктаи назар диссертатсияи Султонзода Исмоил Сафарали дар мавзуи «Фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун шарти ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоӣ» муҳим ва саривақтӣ аст.

Диссертант мавзуи таҳқиқро бо низоми муайяни илмӣ ба тартиб (нақша) даровардааст, ки барои зина ба зина ҳал гардидани вазифаҳои ба миён гузошташуда ва дар маҷмуъ ҳосил шудани тарҳи комили пажуҳиш мусоидат намуда метавонад. Бобу фаслҳои кор паҳлуҳои гуногуни мавзуъро фаро гирифта, дар алоқамандии мантиқӣ ба ҳамдигар қарор доранд.

Диссертант зимни таҳлили адабиёти марбутаи соҳавӣ заминаҳои назариявӣ ва методологии ташаккули фаъолияти ибтикории омӯзгор ва таъсири онро ба ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои болоӣ асоснок намудааст, ки асоси ташкили кори озмоиширо дар самти мазкур ташкил додаанд. Ҳамзамон, таҳлили мазкур имкон додааст, то

диссертант объекту мавзуъ ва вазифаҳои таҳқиқотро тасвия намояд.

Дар мавриди навгониҳои таҳқиқот ҳаминро гуфтан ҷоиз аст, ки онҳо бешак муҳим буда, метавонанд барои таҳияи барномаҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагон, омода намудани омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ ҷиҳати кор дар самти мазкур ҳамчун асоси назариявӣ хизмат намоянд.

Аҳамияти амалии таҳқиқоти мавриди назар дар он ифода меёбад, ки методикаи пешниҳоднамудаи диссертант имкон медиҳад, то ҳифзи солимӣ ба арзишҳои ҳаётии хонандагон табдил ёбад. Тавассути истифодаи имкониятҳои технологияҳои муосири рақамӣ, гаҷетҳо ва дигар воситаҳои техникӣ ба дарки равишҳои интихоби бошууронаи тарзи ҳаёти солим, ҳавасманд кардани ҷавонон ба муносибати мусбат нисбат ба саломатӣ, маҷмуи воситаҳои меъёрию ташхисии (меъёрҳо, тавсифоти дараҷавӣ, нишондиҳандаҳо, аломатҳо) таҳиянамудаи ӯ ба омӯзгорон барои мониторинги раванди тарбияи ба ташаккули самтгирии арзишҳои нигаронидашуда шароити мусоид фароҳам оварад.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки навгониҳои мазкур барои ташкили раванди ташаккули тарзи хаёти солим дар хонандагони синни калони мактабӣ ба сифати заминаи собитгардидаи илмӣ баромад карда метавонанд.

Бо итминони комил гуфта метавонем, ки муаллифи диссертатсия таҳқиқоти зиёди муҳаққиқони соҳавиро таҳлилу баррасӣ намуда, зимни он масъалаҳои ҳалталаби ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синни болоӣ ва ҳамзамон ташаккули фаъолияти ибтикории омӯзгори фанни тарбияи ҷисмониро ҳаллу фасл намудааст.

Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи диссертант аҳамияти бузурги назариявию амалиро соҳиб буда, метавонанд дар ташкили тарзи ҳаёти солими хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ босамар истифода гарданд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи Султонзода Исмоил Сафарали дар мавзуи «Фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун шарти ташаккули тарзи

ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоӣ», таҳқиқоти комил ва анҷомёфта маҳсуб меёбад.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Муқарриз: доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи забони русӣ
барои факултетҳои ғайрифилологии
факултети филологияи руси Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Мухаметов Г.Б.
«11» декабри соли 2024

Маълумот барои тамос: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; Тел., +992 221-78-11; тел. дастӣ 904 42 41 16. Почтаи электронӣ: E-mail: abdulloeva.64@mail.ru.

Имзои Мухаметов Гапур Бобоевичро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.